МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

# Ҳисоботи солонаи Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон барои соли 2020

## Натиҷаҳои асосӣ

### Вокуниш ба COVID-19

СММ **3,5 миллион** нафар одамонро бо хизматрасонии муҳими тандурустӣ (эмкунӣ, маҷмӯаҳои гигиенӣ ва хадамоти солимии модарон) таъмин намуд.

**35 бемористон** ва 100 маркази ёрии аввалияи тиббию санитарӣ барои муолиҷаи зиёда аз **18,000** ҳолатҳои вазнини COVID-19 таҷҳизоти зарурии тиббӣ ва дору гирифтанд.

**6,317** кӯдакистон ва мактаб ва зиёда аз **87,000** омӯзгорон барои маъракаи умумиҷумҳуриявии бозгашт ба мактаб маводҳои омӯзишӣ гирифтанд.

**32,000** намояндагони мактабҳо дар бораи чораҳои бехатарии COVID-19 омӯзиш гирифтанд.

Зиёда аз **1,000** нафар занони аз хушунати ҷинсӣ наҷотёфта тавассути телефонҳои боварӣ дастгирии ҳуқуқӣ гирифтанд.

Зиёда аз **2,3 миллион** донишҷӯ ба таҳсили фосилавӣ / хонагӣ дастрасӣ пайдо карданд.

Тақрибан **1,000** корхонаҳои хурду миёна ва соҳибкорони калон барои татбиқи барномаҳои ҳифзи ҷойҳои корӣ ва коргарони осебпазир дастгирӣ гирифтанд.

Зиёда аз **80** кормандони соҳаи тиб барои дастгирии равонию иҷтимоӣ (PSS) омӯзиши махсус гирифтанд. Ҳукумат даҳ утоқи нави дастгирии ашхоси зери хушунати ҷинсӣ қарордошта мекушояд, ки онҳо метавонанд 30 занро бо паноҳгоҳи кӯтоҳмуддат таъмин кунанд.

## Азхудкунии маблағ аз рӯи натиҷаҳо

| | |
|---|---|
| Идоракунии демократӣ, волояти қонун ва ҳуқуқҳои инсон | $6,242,110 |
| Чандирӣ ва устувории экологӣ | $10,928,699 |
| Рушди иқтисодии устувор ва баробар | $3,751,387 |
| Рушди иҷтимоӣ Тандурустӣ | $24,001,041 |
| Рушди иҷтимоӣ Таҳсилот | $3,902,282 |
| Рушди иҷтимоӣ Ҳифзи иҷтимоӣ | $5,865,210 |
| Ғизо ва амнияти озуқаворӣ | $5,248,667 |
| Фарогирӣ ва тавсеаи ҳуқуқу имкониятҳои гурӯҳҳои осебпазир | $2,280,677 |
| **Маблағи умумӣ:** | **$62,220,073** |











## Ноил шудан ба ҲРУ

СММ системаи озуқавориро тақвият дод ва камғизоиро коҳиш дод. СММ **527,000** нафар хонандагони синфҳои 1-4-ро дар **2000** мактабҳои 52 ноҳия бо хӯроки мактабӣ мунтазам таъмин намуд. Хӯрокҳои хонагӣ ба **24,000** оилаҳои осебпазири хонандагон, ва ё тақрибан **120,000** нафар тақсим карда шуданд.

СММ инчунин барои кор ба хонаводаҳои осебпазир пули нақд ҷудо кард, стратегияҳои устуворро барои мубориза бо малах ва ҳашароти зараровар ба роҳ монд ва ба кишоварзон **11 кг** тухмӣ тақсим карда, барои гирифтани ҳосили **18 тонна** сабзавот барои ҷомеаҳои осебпазир дастгирӣ кард.

Чорабиниҳо оиди коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ ва мутобиқсозии тағирёбии иқлим дар 20 ноҳияи осебпазир **518,430** нафарро (**57% занон**) фаро гирифтанд.

## Афзалиятҳои асосии Дастаи кишварии СММ барои с. 2021

### Харитаи роҳсозии СММ оид ба рушди устувор

Дар тӯли соли 2021 Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон омодагиро барои таҳрезии Чаҳорчӯби нави ҳамкории баҳри рушди СММ, ки бояд 1 январи соли 2023 оғоз шавад, шурӯъ менамояд.

### Соҳаҳои афзалиятнок:

- Барқарорсозӣ пас аз COVID-19
- Барқарорсозии сабз
- Баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон
- Системаҳои хӯрокворӣ
- Об ва иқлим

### Инноватсияи амалиётҳо

Гурӯҳи идоракунии амалиёти СММ ба ҳамоҳангсозии таҷрибаҳои тиҷоратӣ ва ташкили хидматҳо ва биноҳои умумӣ ва татбиқи 1,5 миллион доллар сарфаи хароҷоти Стратегияи нави амалиётҳоамаркуз хоҳад кард.

### Шарикии стратегӣ ва маблағгузорӣ

СММ дастгирии худро барои тавонманд гардонидан ва баланд бардоштани сатҳи таҷрибаи техникиро барои Чаҳорчӯби Миллии Маблағгузорӣ ҳамчун механизми ҷалб кардан, афзоиш ва соддагардонии маблағгузорӣ барои афзалиятҳои миллии ҲРУ тақвият хоҳад дод. Шарики стратегии СММ инчунин бахши хусусӣ мебошад ва ташкилотҳои СММ минбаъд низ имкониятҳои шарикӣ бо бахши хусусиро барои баланд бардоштани таъсири иҷтимоии онҳо меомӯзанд.

## Оҷонсиҳои СММ дар Тоҷикистон

UNDP, UNICEF, World Health Organization Regional Office for Europe, UNFPA, UNOPS, UN Women, Food and Agriculture Organization of the United Nations, UNODC, UNHCR, United Nations Human Rights Office of the High Commissioner Regional Office for Central Asia, World Food Programme, OCHA, International Labour Organization, UNAIDS, IOM UN Migration, UNRCCA

Бо мудирияти берун аз Тоҷикистон

UNECE, UNESCO

Матни пурраи ҳисоботи солона:
www.untj.org/2020annualreport